«Тасдиқ мекунам»
Ректори МДТ " Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав",
профессор ________ Давлатзода С.Х.

# ХУЛОСАИ

**Муассисаи давлатии таълимии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ба диссертатсияи Зувайдуллоева Ганчина Холмуродовна дар мавзӯи «Такмилдиҳии механизмҳои идоракунии хавфу хатарҳои сармоягузорӣ дар корхонаҳои саноатӣ (аз рӯи маводи вилояти Хатлон), барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.05 - Иқтисодиёт ва идоракунии хочагии халқ, (иқтисодиёти саноат)**

Зувайдуллоева Ганчина Холмуродовна, соли таваллудаш 1989, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон. Соли 2010 Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, факултети иқтисодиро аз рӯи ихтисоси муносибатҳои иқтисодӣ байналмиллалиро хатм намудааст.

Аз соли 2010 то соли 2012 мутахассиси пешбари бахши иқтисод ва молияи Раёсати адлияи Вилояти Хатлон, аз моҳи апрели соли 2012 Сармуҳосиби мактаби санъати бачагонаи шахри Левакант, аз моҳи сентябри соли 2016 то ба имрӯз омӯзгорӣ кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва аудити Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, факултети иқтисодӣ кор карда истодааст.

**Роҳбари илмӣ: Хушвахтзода Қ.Х.** – доктори илмҳои иқтисодӣ, ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,

**Муқарризон:Джайлоев З.М.** – номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири кафедраи фаъолияти гумруки Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав,

**Асроров З.У.** – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи Иқтисод ва идораи сайёҳи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав.

**Мубрамияти мавзӯи таҳқиқот.** Саноатикунонии босуръати кишвар ҳамчун ҳадафи чоруми миллӣ бо мақсади ҳалли масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва таъсиси ҷойҳои корӣ эълон гардид. Вобаста ба ин Асосгузори

сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар паёми соли 2018 қайд намуд, ки то соли 2030 ҳиссаи соҳаи саноат дар маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба 22 фоиз расонида шавад. Барои расидан ба ин мақсад бояд амалишавии барномаҳои соҳавии қабулгардида ва лоиҳаҳои сармоягузорӣ таҳти назорати қатъӣ қарор дода, самаранокӣ ва сифати онҳо таъмин карда шавад. Ҳалли ин масъаларо дар тақвият додани фаъолияти сармоягузории корхонаҳои саноатӣ, бо дарназардошти идоракунии хавфу хатарҳои он дидан мумкин аст. Чунки сатҳи рушди саноат инъикоси камолоти низоми иҷтимоию иқтисодии кишвар мебошад. Аз нигоҳи иқтисодӣ, кишваре, ки соҳаи рушдёфтаи саноатӣ надорад ё сатҳи пасти тараққиёти саноатӣ аст, истеъмолкунандаи ашёи хоми бештари кишварҳои саноатӣ мебошад. Аз нуқтаи назари иҷтимоӣ бошад, ин кишвар бо бартарии камбизоатӣ ва сатҳи пасти рушди шахсият, ақибмондагии бисёр бахшҳои соҳаи иҷтимоӣ: маориф, тандурустӣ, фарҳанг ва ғайра бо сабаби камачинии буҷет мебошад.

**Дараҷаи татбиқ ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқ.** Масъалаҳои илмии сармоягузорӣ, қабули қарорҳои сармоягузорӣ, хавфу хатарҳои сармоягузорӣ дар таҳқиқоти зиёди олимони хориҷӣ: А.В. Беляев, П.Л. Виленский А.М. Гатаулин, М.В. Грачева, В.А. Добринин, В.Н. Лившитс, Э.Н. Крилатих, В.М. Урезченко, И.В. Липситс, В.В. Коссов, Дж. Кейнс, J. P. Gittinger, B.M. Huirne, L. Brown., G. Brown ва дигарон баррасӣ ва омӯхта шудааст.

Дар адабиёти иқтисодии ватанӣ масъалаи сармоягузорӣ ва муайян намудани самарнокии онҳо, масъалаҳои хавфу хатарҳои сармоягузорӣ дар чаҳорчӯби хавфу хатарҳои иқтисодӣ дар корҳои олимон: Ашӯров И.А., Довгялло Я.П., Қаюмов Н.К., Каримов М.Т., А.Б. Мирсаидов, Б.С. Музафаров, А. Рауфӣ, Р.К. Раҳимов, Н. Хоналиев, Д.С. Пиризода, Л.Ҳ. Саидмуродов, Ш.М. Саидмуродов , Ш.С. Бақоев, С. Садридиннов, С. Соҳибназаров, Ҷ. Тагоев, Давлатзода Қ.Қ., Сатторов М. ва дигарон то андозае таҳқиқ ва омӯхта шудаанд. Қисмати бештари таҳқиқоти муаллифони ватанӣ ба масъалаи самаранокии сармоягузорӣ, аз ин ҷумла бахши саноатӣ, тадбирҳои эҳтиётӣ, механизмҳои ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ дар соҳаҳои иқтисодиёти ҷумхурӣ, масъалаҳои умумии методикаи

муосири арзёбии лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва хавфу хатархо равона карда шудааст. Аммо то ҳол масъалаҳои хавфу хатарҳои сармоягузорӣ дар корхонаҳои истеҳолии санаотӣ камомӯхташуда боқӣ мемонанд.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот** – муайян намудани асосҳои назариявӣ ва пешниҳоди роҳу усулҳои идоракунии хавфу хатарҳои сармоягузорӣ дар корхонаҳои саноатӣ мебошад.

Барои расидан ба мақсадҳои дар диссертатсия нишондодашуда, ҳаллу фасли **масъалаҳои зеринро** гузошта шудааст:

- муайян намудани асосҳои назариявии идоракунии хавфу хатарҳои сармоягузорӣ ва таснифоти он дар корхонаҳои саноатӣ;
- таҳқиқи таҷрибаи мамлакатҳои хориҷи оиди идоракунии хавфу хатарҳои сармоягузорӣ дар корхонаҳои саноатӣ;
- таҳқиқи вазъияти муосири сармоягузории корхонаҳои саноатӣ ва арзёбии хавфу хатарҳои сармоягузорӣ;
- муайян кардани мавкеи идоракунии комплаенс-хавф дар менеҷменти корхонаҳои саноатӣ;
- пешниҳоди роҳҳо ва имкониятҳои паст намудани хавфу хатарҳои сармоягузорӣ дар корхонаҳои санаотӣ
- асосноккунии механизмҳои идоракунии хавфу хатарҳои сармоягузорӣ дар корхонаҳои саноатӣ;

**Навгоиии илмии натиҷаҳои таҳқиқот** асосноккунӣ ва рушди ҳолатҳои назариявии паст намудани хавфу хатарҳои сармоягузорӣ ва таҳияи тавсияҳои амалӣ барои муайян ва роҳҳои паст намудани идоракунии хавфу хатарҳои сармоягузорӣ дар корхонаҳои саноатӣ мебошад.

Натиҷаҳои назаррасе, ки навоварии диссертатсияро ташкил медиҳанд, инҳо мебошанд:

1. Муҳтавои хавфу хатар ҳамчун мақсадҳои аниқи ибтидоии дар замон маҳдудшудаи ба тағйироти мақсадноки низоми иҷтимоӣ-иқтисодии корхонаҳо дар доираи манфиатҳои миллӣ равонашуда муайян карда шудаанд. Таърифи муаллифии мафҳуми «хавфу хатар ин омили доимӣ, ба таври даврӣ ва стохастикӣ таъсиркунандаи муҳити беруна ва ё дохилии

корхонаи саноатӣ мебошад, ки ба пастравии арзиши онҳо равона гардидааст” баррасӣ мегардад.

2. Таснифоти хавфу хатарҳои сармоягузорӣ ва мавқеи он дар идоракунии корхонаҳои саноатӣ, принсипи асосии идоракунии хавфҳои корхонаи саноатӣ, омилҳои хавфу хатарҳои корхонаҳои саноатӣ омӯхта шуданд. Дар асоси омӯзиши таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ идоракунии хавфҳо дар мамлакатҳои бозори иқтисодии рушдёфтадошта, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон низ рабт дорад, асоснок карда шуд.

3. Дар заминаи маълумотҳои оморӣ таъмин будани аҳолӣ ба кор ва музди меҳнати миёнаи моҳонаи кормандони соҳаи саноат, маҷмӯи маҳсулоти соҳавии саноатӣ, омилҳои асосии иштироккунанда дар истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ вилояти Хатлон, арзёбӣ гардидааст. Дар доира хавфу хатарҳои сармоягузориро дар корхонаҳои сатҳи таъсирнокии он нишон дода шудааст.

4. Арзёбии корхонаҳои саноатӣ дар асоси амсилаи рушди имконпазири Ван Хорн, ки барои истифода дар шароитҳои вобаста ба вақт номувозинат будани нишондиҳандаҳои рушди сармояи худӣ ва афзоиши ҳаҷми савдо дар корхонаҳои санаотии вилояти Хатлон арзёбӣ карда шудааст.

5. Принсипҳои идоракунии сармоягузории корхонаҳои саноатӣ ба сифати сохтани низоми комплаенс-менеҷменти истеҳсолӣ дар корхонаҳои санаотӣ пешниҳод карда шуд.

6. Сатҳи такмил додан ва истифодаи самараноки системаи идоракунии хавфу хатарҳои сармоягузорӣ дар корхонаҳои саноатӣ дар маҷмӯъ ба вазъият, омилҳо ва шароитҳо ба назар гирифта шуда диверсификатсия (тақсимкунӣ), маҳдудиятнокӣ, хедҷеркунонӣ, суғурта ҳамчун роҳҳои паст намудани хавфу хатарҳои сармоягузорӣ дар корхонаҳои саноатӣ пешниҳод карда шуд.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ** аз он иборат аст, ки муқаррароти асосии илмию амалӣ ва хулосаҳои назариявии хавфу хатар ва хавфҳои сармоягузорӣ назаррас буда, метавон барои такмил додани механизми

идоракунӣ ва паст намудани хавфу хатарҳои сармоягузорӣ дар корхонаҳои саноатӣ истифода шавад.

Низом ва усулҳои алоҳида барои муайян ва паст намудани хавфу хатарҳои сармоягузории дар диссертатсия мавҷудбуда, метавонанд барои ташаккули лоиҳаҳои сармогузорӣ дар таҳқиқоти раванди таълимии факултетҳои иқтисодии мактабҳои олии мамлакат зимни омӯзиши курсҳои «Идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ», «Менеҷмент», «Сармоягузориҳо» ва монанди инҳо мавриди истифода қарор бигиранд.

Диссертатсияи Зувайдуллоева Ганҷина Холмуродовна таҳқиқоти мустақилонаи илмӣ мебошад. Таҳлилҳои гузаронидаи ӯ дар заминаи корҳои олимони шинохтаи иқтисодиёт ва дигар пажуҳишҳои монографии донишмандони муосири иқтисоддон ба ӯ имкон додаанд, ки як қатор пешниҳод ва тавсияҳои муҳиму мушаххасро доир ба мавзӯи таҳқиқшаванда асоснок намояд.

Унвонҷӯ дар ҷараёни таҳқиқи масъалаи идоракунӣ ва имкониятҳои паст намудани хавфу хатарҳои сармоягузорӣ ба соҳаи саноатӣ, инчунин баланд бардоштани ҳаҷми сармоягӯзорӣ ба ин соҳа, сатҳи таъминнокии корхонаҳои саноатӣ вилояти Хатлон ба маблағҳои зарурӣ, дараҷаи таъминнокии аҳолӣ ба маҳсулоти саноатиро муайян кардааст. Нисбат ба ҷараёни арзёбии сатҳи рушди устувори соҳаи саноат ва самаранокии сармоягузорӣ ба ин соҳа дисертант равиш ва методҳои шахсии худро дорад.

Муқаррароти асосии дисертатсияи илмӣ дар 8 адад мақолаи чопӣ, аз он ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои илмӣ ва нашрияҳои шомили феҳрасти тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтаанд.

**Корҳои илмии нисбатан муҳими унвонҷӯ доир ба мавзӯи дисертатсия:**

1.Зувайдуллоева Г.Х. Рушди минтақаҳои озоди иқтисодӣ омили густаришёбии истеҳсоли молҳои воридотивазкунанда. Паёми Донишгоҳи

давлатии Қурғонтеппа ба номи Носири Хусрав. Қурғонтеппа-2017, №1/4(49). С-276-280

2.Саидмуродов Ш.М., Зувайдуллоева Г.Х. Ҳолати кунунии ҷалби сармоягузориҳои корхонаҳои кишоварзӣ ва арзёбии хавфу хатарҳои сармоягузорӣ. Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Душанбе-2019, №5/1, С-162-165.

3.Саидмуродов Ш.М., Зувайдуллоева Г.Х. Асосҳои назариявии хавфу хатарҳо дар шароити имрӯза. Паёми Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон Душанбе 2019, №2(256)., С-71-74.

4. Зувайдуллоева Г.Х. Механизмҳои идоракунии хавфу хатарҳои молиявӣ дар корхонаҳои саноатӣ. Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав.Ботар-2019, №1/3, С- 298-301.

5.Зувайдуллоева Г.Х. Асосҳои назариявии идоракунии хавфу хатари сармоягузорӣ дар корхонаҳои саноатӣ. Паёми Донишгоҳи давлатии аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе-2020.№1/86 С-195-203.

6. Зувайдуллоева Г.Х. Хусусиятҳои навовариҳо ва таснифоти он дар корхонаҳои хурди саноатӣ. Материали международной научно практической конференции.” Развитие гидроэнергетики развитие Таджикистана. Кушониён -2018. С -306-309.

7. Шодиев И.М., Зувайдуллоева Г.Х. Нақши барномаҳои давлатии сармоягузори дар соҳаи маориф. Конференсияи илмӣ амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи инноватсия омили самарабахши алоқаи илм ва истеҳсолот Душанбе-2019, С-111.

8. Шодиев Б.С. Зувайдуллоева Г.Х. Тадбиқи рушди сармоягузорӣ дар соҳаи маориф. Конференсияи илмӣ амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи инноватсия омили самарабахши алоқаи илм ва истеҳсолот душанбе -2019,С-117.

**Қарор карда шуд:**

1. Дисертатсияи Зувайдуллоева Ганҷина Холмуродовна дар мавзӯи “Такмилдиҳии механизмҳои идоракунии хавфу хатарҳои сармоягузорӣ дар корхонаҳои саноатӣ ( аз рӯйи маводи вилояти Хатлон)”, ки барои дарёфти

дарачаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 - Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ, (иқтисодиёти саноат) пешниҳод гардидааст, ба итмом расида ҳисобида шавад.

2. Дисертатсияи Зувайдуллоева Ганҷина Холмуродовна дар мавзӯи "Такмилдиҳии механизмҳои идоракунии хавфу хатарҳои сармоягузорӣ дар корхонаҳои саноатӣ ( аз рӯйи маводи вилояти Хатлон)",ки барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 - Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ, (иқтисодиёти саноат) ба муҳокимаи расмӣ бо дарназардошти ислоҳи камбудиҳои ошкоргардида пешниҳод карда шавад.

Дар ҷаласаи васеи кафедраҳои назарияи иқтисод,баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлили иқтисодӣ ва аудит, кори бонкӣ, молия ва менеҷменти Муассисаи давлатии таълимии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (протоколи №2 аз 11.09.2020) 24 нафар иштирок доштанд. Натиҷаҳои овоздиҳии кушод: тарафдор - 24 нафар, зид - нест, бетараф - нест.

Раис,
профессори кафедраи назарияи
иқтисод, доктори илмҳои иқтисодӣ — Садриддинов Н.Т.

Мудири кафедраи менеҷмент
н.и.и. — Шамсуллозода Х.

Мудири кафедраи назарияи иқтисод
Саромӯзгор — Раҳимов Ш.Ҳ.

Котиб,
омӯзгори кафедраи менеҷмент — Давлатов М.Б.

Имзоҳои Садриддинов Н.Т.Шамсуллозода Х,Раҳимов Ш.Ҳ
ва Давлатов М.Б.-ро тасдиқ мекунам.

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсус
ДДБ ба номи Носири Хусрав — Шукурзод Ҷ.А.